# КОНСТИТУТСИЯ ОМИЛИ ТАЪМИНИ ВОЛОИЯТИ ҚОНУН ДАР ҶОМЕА

Дар шаҳри Душанбе бо аҳолӣ чорабинии маърифатӣ таҳти унвони «Конститутсия — омили таъмини волоияти қонун дар ҷомеа» баргузор гардид.

Дар кори он Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Худоёрзода Бахтиёр Тавар ширкат варзида, бо маърӯза баромад намуданд. Дар баромади худ мавсуф қайд намуданд, ки Конститутсия ҳамчун санади дорои эътибори баланди ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши ҳаётан муҳим дорад.

Нақши Конститутсияро дар таъмини ҳуқуқу озодиҳзои инсон ва шаҳрванд таъкид намуда, Б.Худоёрзода оид ба масъалаи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон дар Тоҷикистон, принсипҳои ширкат дар интихобот ва нақши интихобот дар таъмини қонунмандии ҳокимият маълумоти васеъ ва асоснок пешниҳод намуданд. Аз ҷумла иброз доштанд, ки баҳри татбиқи самараноки меъёрҳои конститутсионӣ боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон зарур мебошад.

Сипас байни иштирокчиёни чорабинӣ мубоҳиса ва саволу ҷавоб сурат гирифта, онҳо ба суолҳои худ дар бораи Конститутсия ва нақши маърифати ҳуқуқӣ дар таъмини волоияти қонун ҷавобҳои саҳеҳ гирифтанд.